**Протоколи №6-и**
ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.KOA-117 дар
назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи
Сотим Улуғзода

аз 18-уми марти соли 2026 ш. Душанбе

**Иштирок доштанд:** аз 16 нафар аъзои шурои диссертатсионии бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2-юми феврали 2026, №53/шд тасдиқгардида, __4__ нафар иштирок доранд, ки аз онҳо __14__ нафарашон докторони илм аз рӯйи ихтисоси диссертатсияи баррасишаванда ба ҳисоб меравaнд.

Пешниҳод шуд, ки ҷаласаи шуро гузаронида шавад. Муҳтарам аъзои шуро, ягон пешниҳоди дигар нест? Нест.

Пешниҳод якдилона ҷонибдорӣ карда шуд.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

1. Ба ҳимояи иҷозат додани диссертатсияи **Қаюмзода Сафармоҳ Ҷумъахон** дар мавзуи **«Таҳлили луғавӣ-маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ (дар мисоли дарахтони мевадор, бемева ва гулҳо)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ.

**ШУНИДА ШУД:**

Оид ба масъалаи мазкур раиси комиссияи экспертии шурои диссертатсионӣ – Баротзода Файзиддин Камолиддин ва узви комиссияи экспертӣ – Муҳиддинова Таҳмина Ҳамроқуловна сухан гуфтанд (хулосаи комиссияи экспертӣ замима мегардад).

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи **Қаюмзода Сафармоҳ Ҷумъахон** дар мавзуи **«Таҳлили луғавӣ-маъноии вожагони соҳаи боғдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва олмонӣ аз нигоҳи забоншиносии фарҳангӣ (дар мисоли дарахтони мевадор,**

**бемева ва гулҳо)»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.14. Забоншиносии типологӣ ва муқобилавӣ ба ҳимоя қабул карда шавад;

2. Муқарризони расмӣ таъин карда шаванд:

- **Мухторов Зайниддин Мухторович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, Ректори Филиали Донишкадаи рушди менеҷменти Сингапур дар шаҳри Душанбе;
- **Бобоева Мадина Маруфовна** – номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ;

3. Ба сифати муассисаи пешбар **Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ** таъин карда шавад;

4. Барои ҷойгир намудани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаҳои Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад;

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис (100 адад) ва фиристодани он ба суроғаҳои таъиншуда иҷозат дода шавад;

6. Таърихи баргузории ҳимоя 30.05.2026, соати 10:00 муқаррар карда шавад.

**Қарор бо овоздиҳии ошкоро якдилона қабул карда шуд.**

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, дотсент Соҳибназарзода Ҳ.Т.